**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи: “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод гардидааст**.

Кори диссертатсионии Абдуғафури С. ба яке аз масъалаҳои мубрами ботаника – омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии таркиби оилаи лабгулҳо Lamiaceae Mart. қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, бахшида шудааст. Зеро сарватҳои набототии кӯҳсор қисми назарраси генофонди ҷумҳуриро ташкил дода, омӯзиш ва нигоҳдошти он барои рушди илмҳои табиатшносӣ ва самтҳои саноати дорутайёркунӣ ва маҳсулоти хӯрока аҳамияти беандоза дорад.

Дар тадқиқоти мазкур таҳлили 39 авлод ва 198 намуди растани аз оилаи лабгулҳо аварда шудааст, ки байни онҳо растаниҳои равғани эфирӣ (30 намуд), доруворӣ (21 намуд), асаловар (14 намуд), ороишӣ (5-намуд) ва 25 – намуд ғизоӣ чорво мавҷуданд.

Дар боби аввали диссертатсия маълумот дарбораи шароити табиию ҷуғрофии минтақаи омӯзиш ва дар боби дуюм таърих ва гуногунии оилаи лабгулҳо оварда шудааст. Дар боби сеюм тавсиф ва хусусиятҳои фитосенологии лабгулҳо бо таҳлили систематикӣ, экологӣ, муқоисавӣ ва шакли ҳаётӣ ва инчунин тавсифи фитосенологии намудҳое, ки форматсия ба амал меоранд ба таври саҳеҳ ва мушаххас оварда шудааст. Дар боби 4 дурнамои истифодаи захираҳои намояндаҳои лабгулҳо ва ҳифзи онҳо таҳлил гардида дар боби 5 баррасии натиҷаҳои тадқиқот муҳокима гардидааст.

Мақсад ва вазифаи назди довталаб гузошташуда ҳамаҷониба иҷро гардида дар натиҷаи он бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда шуд. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар минтақаи омӯзиш 33 авлод ва 74 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд аст. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 2 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст.

Бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуданд. Харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шуданд. Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе

намояндаҳои оила: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz, *Nepeta catarica* Juz., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

Хулоса, Фишурдаи диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи: “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” тамоми ҷанбаҳои мавзӯи таҳқиқро фаро гирифта анҷомёфта ба шумор меравад ва бешубҳа ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Муаллифи автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯёи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника сазовор шуморида мешавад.

Корманди илмии шуъбаи
“Биотехнология ва биоэкология”
Маркази илмии Хуҷанд АМИТ,
номзади илмҳои биологӣ, Ҳайдарова Н.Р.

Суроға: 735714, ш. Хуҷанд,
минтақаи саноатии шимолу-шарқӣ.
Тел: (+992) 92 815 00 20
E – mail: amina_0918@mail.ru

Имзои Ҳайдарова Н.Р.
тасдиқ менамоям,
Нозири кадрҳои Маркази
илмии Хуҷанд АМИТ Раҳимова Т.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Маркази илмии Хуҷанд
РМА 510007836

16.05.2024